САИДБЕГ САИДӢ

# НАКҲАТИ КАШМИР

Душанбе
«Адиб»
2010

ББК 84 Тоҷик 7-5
С-67

Муҳаррири масъул
*Хайрандеш*

Муҳаррири нашриёт
*Зиё Абдулло*

С-67 **Саидбег Саидӣ. Накҳати Кашмир.** (маҷмӯаи ашъор). – Душанбе, «Адиб», 2010, 100 саҳ.

ISBN 978-99947-64-84-6

© Саидбег Саидӣ, 2010



**САИДОВ САИДБЕГ БОЙХОНОВИЧ (Саидбег Саидӣ)** 15 апрели соли 1958 дар деҳаи Пехои ноҳияи Данғара дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Соли 1973 мактаби 8-солаи ба номи Абдусалом Деҳотии деҳшӯрои Сангтӯдаи ноҳияи Данғараро хатм карда, сипас таҳсили худро дар мактаб-интернати ҷумҳуриявии №2 ш.Душанбе идома медиҳад. Соли 1980 шӯъбаи арабии факултаи забонҳои Шарқи Донишгоҳи Давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленинро бо муваффақият хатм менамояд.

Фаъолияти кориашро аз муаллими забон ва адабиёт дар курсҳои тайёрии ДДТ оғоз кардааст.

Аз соли 1981 то 1993 ба ҳайси устоди ДДТ ба номи В.И.Ленин кор ва фаъолият кардааст.

Солҳои 1984-1987 ҳамчун тарҷумони забони арабӣ-русӣ дар Ҷумҳурии Демократии Алҷазоир ифои вазифа кардааст.

Аз соли 1993 то 1995 дар Академияи Дипломатии назди Вазорати корҳои хориҷии Федератсияи Русия таҳсил ва аъло хатм мекунад.

Солҳои 1994-2002 котиби дувуми Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Русия буд. Дар ин муддат соли 1999 рисолаи номзадиашро оид ба ҳуқуқи байналмилалӣ дар ш.Маскав дифоъ намудааст.

Солҳои 2002-2003 мушовири калони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати хориҷӣ ва солҳои 2003-2006 мудири шӯъбаи робита бо кишварҳои хориҷии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буд.

Аз соли 2006 то 2008 Сафири фавқулодда ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Исломии Покистон буд ва аз соли 2008 то имрӯз Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар Ҷумҳурии Ҳиндустон роҳбарӣ мекунад.

Саидбег Саидӣ ҳанӯз овони бачагӣ ба шеъргӯӣ рӯй оварда, шеърҳои аввалини ӯ дар газетаи «Навобод»-и ноҳияи Данғара, баъдан дар рӯзномаи Донишгоҳи Давлатии Тоҷикистон «Ба қуллаҳои дониш», «Комсомоли Тоҷикистон», «Тоҷикистон», «Садои мардум», «Ҷумҳурият», «Минбари халқ» ва дигар рӯзномаҳо ба табъ расидааст.

Китобе, ки хонандаи гиромӣ дар даст доред, маҷмӯаи аввалини шоир мебошад.

## ВАТАНДОР

Ватанро дӯст медорам,
Ба хокаш саҷда меорам,
Ватан – дунёву асрорам,
Ватандорам, Ватандорам.

Ватан бошад ҳаёти ман,
Ҳаёти пурнишоти ман,
Зи ҳар офат наҷоти ман,
Ватандорам, Ватандорам.

Ватан бошад пару болам,
Ватан – илҳому иқболам,
Манам хушбахт дар олам,
Ватандорам, Ватандорам.

Ватан – сармояву созам,
Ватан – анҷому оғозам,
Баланд ин ҷост овозам,
Ватандорам, Ватандорам.

# ТОҶИКИСТОН

Душанбе пойтахти тоҷикон аст,
Ба зебоӣ на кам аз бӯстон аст.

Дарахтон сар кашида бар фалакҳо,
Зи бехи ҳар яке ҷӯҳо равон аст.

Ба болои сари зебоарӯсон
Ба мисли чатри ҳиндӣ соябон аст.

Зи шохи ҳар яке ин навдарахтон
Ба дида булбули хушхон аён аст.

Касе ин булбули хушхон бубинад,
Ба худ гӯяд, ки шоҳи ошиқон аст.

Барои дидани ёри азизаш,
Гаҳе масрур, гоҳе дар фиғон аст.

Шукуфтанҳои гулро гар бубинад,
Бигӯяд: орзуи ман ҳамон аст.

Табассум карда хонад шеъри навро,
Бигӯяд ин барои тоҷикон аст.

*Соли 1978*

## ВАХШИ ЗАРБАХШ

Дарёи Вахши зарбахш
Дар мулки Тоҷикистон,
Сад қарнҳо равон аст,
Фоидааш фаровон.
Бас даштҳо баҳор аст
Гулзору обшор аст,
Афзун шудаст ин ҷо
Саҳрои пахтакорон.
Дар солҳои пешин
Ин даштҳои Қӯрғон
Беоб ҷангалистон,
Пур аз палангу мӯрон.
Аз Қӯрғон интарафтар
Водие буд бебар
Имрӯз гашта машҳур
чун пахтазори Ёвон.
Ин Вахши пурталотум
Ҳайрон шуда ба мардум,
Аз шодӣ мезанад гум
Бас қалби марди деҳқон.
Данғара баски дора(д)
Саҳрои бешумора
Ин даштҳои сӯзон
Бар Вахш ҳаст пазмон.

*Соли 1978*

## АЗ ТОҶИКИСТОН ОМАДЕМ!

Аз Тоҷикистон омадем,
Аз Оли Сомон омадем,
Бо дуои давлати Шоҳи Ҳамадон омадем.
Аз Тоҷикистон омадем!
Аз мулки Хатлон омадем,
Бо ҳидоятҳои
Эмомалӣ Раҳмон омадем.
Аз Тоҷикистон омадем,
Кӯҳи Бадахшон омадем,
Бо дуои неки авлоди Оғохон омадем.
Аз Тоҷикистон омадем,
Рӯди Зарафшон омадем,
Хушнафас монандаи
Ҷӯи Мӯлиён омадем.
Аз Тоҷикистон омадем,
Аз Суғди ҷонон омадем,
Бо ғазалҳои Камол, шеъри Аминҷон омадем.
Аз Тоҷикистон омадем,
Аз Ҳисори Шодмон бо меҳри чандон омадем,
Шеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон»
бар лаб санохон омадем!
Аз Тоҷикистон омадем,
Сӯи Кашмире, ки буд Шоҳи Ҳамадон, омадем.
Бо муҳаббатҳои ширин
Назди хешон омадем.
Аз Тоҷикистон омадем,
Бо амри виҷдон омадем.
Ҳамчу Турсунзода
Бо меҳри фаровон омадем.

## ТОҶМАҲАЛ

Дар лаби баҳри калон Тоҷмаҳал,
Беҳтарин ҷои ҷаҳон Тоҷмаҳал.

Ҳама зебову мунаққаш бошад,
Ҳама покизаву дилкаш бошад.

Гулу гулзор ҳама атрофаш,
Қалам оҷиз шуда дар авсофаш.

То гиреҳи дили худ бикшоянд,
Аз ҳама рӯи ҷаҳон меоянд.

Ҳама фаввораву фаввора баланд,
Мешавад бахти ту ҳамвора баланд.

Ҷои мардони баланг аст ин ҷо,
Самари ишқи қашанг аст ин ҷо.

Асрҳо бурд ба сар Тоҷмаҳал,
Ки нашуд ҳеҷ дигар Тоҷмаҳал.

## КАШМИР

Зебоназарӣ Кашмир, пеши назарӣ, Кашмир,
Бо накҳати рӯҳафзо сарсабзу тарӣ, Кашмир.

Зебонигарӣ Кашмир, баҳри башарӣ, Кашмир,
Равшандилу равшанҷон, шамсу қамарӣ, Кашмир.

Қаторкӯҳи Ҳимолой – ҳамсилсилаи Помир,
Бо қуллаи сап-сафед, ганҷу гуҳарӣ, Кашмир.

Ин сарву санавбарҳо – зебу зинати кишвар,
Зебоназарӣ Кашмир, зеби сафарӣ, Кашмир.

Дарёҳои қӯҳият монандаи Панҷу Сир,
Зебонигари Кашмир, кӯҳу камарӣ, Кашмир.

Оринасабон ин ҷо, кишварталабон ин ҷо,
Зебоназарӣ, Кашмир, болоназарӣ Кашмир.

Ин кӯҳу талат дилкаш, ин кули Далат дилкаш,
Обат ҳама дар бозӣ, ҳавзи Кавсарӣ Кашмир.

Зебоии гулрӯён карда дили мо тасхир,
Ҷонбахшу ҷаҳонбахшӣ, ҷону ҷигарӣ, Кашмир.

Саидбеки Бойхонпур ин ҷост тараннумгар,
Илҳомфизои ӯ шому саҳарӣ, Кашмир.

## ОРОМГОҲИ БЕДИЛ

Илҳомбахши шеърам обу гили ту бошад,
Зеботарин маконҳо ин манзили ту бошад.
Ин манзили муққадас ҷои зиёрати мост,
Ошиқтарини дилҳо, ин дил дили ту бошад.

## МУМБАЙ

Дунёи ман рангин шудаст,
Ғамҳои ман сангин шудаст.
Оҳ, ин дили бечораам
Дар Мумбай мӯъмин шудааст.

## РАВШАН АНДЕША ДОРАД

*Ба Сафири Федератсияи Россия*
*дар Ҳиндустон А. Кадакин*

Меҳраш фақат ба кор аст,
Дилаш фақат ба ёр аст,
Бисёр хушгуфтор аст
Александр Кадакин.

Муҳаббаташ бисёр аст,
Ҳар ҷо баэътибор аст,
Меҳмондӯстдор аст
Александр Кадакин.

Беҳтарин шарқшинос аст,
Қадрдон, босипос аст,
Бетарсу беҳарос аст
Александр Кадакин.

Сафири Руси Кабир,
Шахси хеле батадбир,
Серталаб асту сахтгир
Александр Кадакин.

Фарҳанги пеша дорад,
Афкораш реша дорад,
Равшан андеша дорад
Александр Кадакин.

Сӯи деҳаи Нагар
Як ҳафта кард сафар,
Таърихро кард назар
Александр Кадакин.

Аҳди фарҳанг зинда кард,
Рерихро гӯянда кард,
Дӯстиро поянда кард
Александр Кадакин.

Дӯстиро пойдор кард,
Русро номдор кард,
Душманро шармсор кард
Александр Кадакин.

*Водии Кулуи музофоти*
*Ҳимачал Прадеши Ҳиндустон,*
*2.05.2010*

## ДУХТАРАКИ ТАЙЛАНДӢ

Духтараки Тайландӣ,
Ширинӣ, мисли қандӣ.

Лабу даҳонат шакар,
Тамъи лабат тути тар.

Қадду қомат ороста,
Сӯҳбати дӯст хоста,

Раҳ биравӣ хиромон,
Ба дарди мо ту дармон.

Хиромидан чу оҳу,
Чашмони шӯхи ҷоду.

Ду абрӯят нозанин,
Ҳусни рӯят нозанин.

Дар гулӯят, эй ҷонон,
Об шавад намоён.

Биё барам, то хӯрӣ
Аз оби Тоҷикистон.

*Бангкок,*
*19.05.2005*

## «ҲОЛӢ» МУБОРАК!

Духтари ҳинду, Ҳолӣ[1] муборак!
Эй гули хушрӯ, Ҳолӣ муборак!

Ту навҷавонӣ, рангинкамонӣ,
Эй мушки хушбӯ, Ҳолӣ муборак!

Ранги ба рангӣ, хело қашангӣ,
Эй гули қоқу, Ҳолӣ муборак!

Холи лаби ту зебанда бошад,
Ду чашми ҷоду, Ҳолӣ муборак!

Сурхию зардӣ, ту дилписандӣ,
Эй кабки хушгӯ, Ҳолӣ муборак!

Ту нозанинӣ, ту маҳҷабинӣ,
Эй гули ҳулбӯ, Ҳолӣ муборак!

Сабзу хиромон, зебою чаққон,
Идии мо ку? Ҳолӣ муборак!

---

[1] «Ҳолӣ» – иди миллии ҳиндуҳо, ки моҳи март ҷашн гирифта мешавад.

## ОЗАРИДУХТАР

Озаридухтаре дидам, бо симу заре дидам,
Хушсурату меҳрубон, аҷаб дилбаре дидам.

Озаридухтаре дидам, дуру гавҳаре дидам,
Қаду қомат нозанин, садбарги таре дидам.

Озаридухтаре дидам, ҷону ҷигаре дидам,
Дар лабҳои зебояш шаҳду шакаре дидам.

Озаридухтаре дидам, бо пеши баре дидам,
Рухсори арғувонӣ чун себи таре дидам.

Озаридухтаре дидам, бо карру фаре дидам,
Ду зулфи хами дар хам чун найшакаре дидам.

Озаридухтаре дидам, дурру гуҳарре дидам,
Дар санъати зебой як навоваре дидам.

Озаридухтаре дидам, бо болу паре дидам,
Ҳофизаю раққоса як санъатгаре дидам.

Озаридухтаре дидам, аз як кишваре дидам,
Ҷилвагар, баландпарвоз, як кабӯтаре дидам.

Озаридухтаре дидам, дар баҳру баре дидам,
Дар санъати мулки худ волоҳунаре дидам.

Дар кишвари Ҳиндустон як афсунгаре дидам,
Ситамгари қалби худ миҷгонханҷаре дидам.

*Деҳлӣ, 31.05.2010*

## ИЛОҲО ЁБАД ЗАФАР

*Ба Сафири фавқуллода ва*
*мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*дар Федератсияи Руссия*
*Сафар Сафаров*

Сафири мо шуд Сафар,
Илоҳо ёбад Зафар.
Падарашон Ғаюр аст,
Бисёр шахси пурнур аст.
Дарахтзору пистазор
Аз Норак то ба Фархор
Шудааст қатор-қатор
Бо дастони ин Саркор.
Ҷанговари номдор аст,
Ба мардум раҳсипор аст.
Ба ҳама халқ дӯстдор аст.
Табрик гӯем Шуморо,
Аз Маскави Қаҳрамон,
Мо ҳама аз дилу ҷон,
Аз номи Тоҷикистон.
Аз номи Сафар-Сафир
Дар Руссияи Кабир.

Аз фарзанди нахустин
Аз пайрави Сталин
Аз Муҳаммади Ванҷӣ,
Бобои Ғаюр, наранҷӣ.
Табрик гӯяд Шуморо
Ҳамин Сурхови ошно
Аз Саидбек Саидов
Иншо шуд ин сатрҳо
Муборак иди Зафар,
Ба Шумо акай Сафар.

*Соли 2002*

## ЯК ДАСТА ГУЛ

*Ба Рамазон Мирзоев*

Мавлуд табрик, эй сафир,
Ҳон, эй сафири беназир.

Файзу сафо меоварӣ,
Сулҳу вафо меоварӣ.

Навгониҳоят нав ба нав,
Корат ҳамеша пешрав.

Ҳастӣ зи баски росткӯш,
Бодонишу бофазлу ҳуш.

Мо аз ту омӯзем кор,
Бас корҳоят бобарор.

Кардӣ ту некӣ беҳисоб,
Эй кори ту оличаноб.

Сулҳу амонӣ парварӣ,
Ҳаққо, муносиб сарварӣ.

Як даста гул аз дасти мо
Тақдим бодо бар Шумо.

*Москва*
*15.02.2001*

## ОРЗУ

*Ҳазли солинавӣ*
*ба Бобохонӣ Алӣ*

Эй Бобохони Алӣ,
Шумо монанди Валӣ.
Ҳама чизро медонед,
Доим китоб мехонед.
Суханҳоятон рост аст,
Ҳама бекаму кост аст,
Ҳам сиёсат, ҳам ашъор
Аз Шайх Саъдию Аттор.
Доимо шеър хонед
Ба мардуми бешумор.
Муҳоҷирон кам шуданд,
Мардумон беғам шуданд.
Худоё, дар Соли Нав
Вазир бишавад аз нав.
Ҳамчун мудири калон
Барои мо шогирдон
Фармояд як дастархон.

## УСТОД

*Ба устоди гиромиқадр*
*Академик Талбак Назаров*

Ман шодаму ман шодам,
Дар кишвари озодам.
Талбак Назар устодам,
Созад устод имдодам.

Ман шодаму ман шодам,
Доди хонданро додам,
Ба гуфтаи устодам
Ҳар қадамро ниҳодам.

Ман шодаму ман шодам
Аз равнақи эҷодам,
Дар ҳар барор устодам
Созад муборакбодам.

Ман шодаму ман шодам,
Марди раҳи муродам
Раҳнамоям устодам,
Олами эътиқодам.

## БАРАКАТУЛЛОҲ

Баракатуллоҳ Аҳмад,
Бар падари ту раҳмат.
Нақшай пахта ичро шуд,
Сари тоҷик боло шуд.
Турсунзода шуд обод,
Аз пештара зебо шуд.
Соли Наватон, устод,
Илоҳо муборак бод.
Дар ин Соли Нав, раис,
Ҳаргиз нагардед хасис.
Хайру саховат кунед
Ба дӯстон диққат кунед.
Мо дар бари Шумоем,
Дӯстони бовафоем.
Ба Шумо сипар шавем,
Ҳам ҷону ҷигар шавем.
Баракатуллоҳи мо
Равшан кунад роҳи мо.
Баракат афзун шавад,
Саидӣ мамнун шавад.

*Соли 2004*

## ГУМРОҲ

Ҳарчи бо мо кард, эй ҳамдардҳо, он ошно кард,
Ақраборо дур карду душманонро ҷобаҷо кард.

Дастбардастанд бо ӯ чоплусони тамаъкор,
Хешу пайванду ҷигарбандони худро пеши по кард.

Фарқ натавонист кард ӯ дӯстро аз душман асло,
Дӯстонро зери пою душманонро бар само кард.

Ӯ адӯвонро набитвонист як ҳарфе бигӯяд,
Нуқс агар аз дӯст пайдо кард, айбу муддао кард.

Муддате нагзашта аз касби навинаш, мансаби зӯраш,
Ҳазлу беҷову тамасхурҳо аҷаб бар ҷониби мо кард,

Фарқ натвон кард байни Аҳриман–Заҳҳок ҳаргиз,
Чунки Заҳҳокон парастиш Аҳриманҳоро чудо кард.

Рӯҳу арвоҳи ниёгонро ҳаме ранҷонд бисёр,
Назди хешовандҳо бисёр ӯ кори хато кард.

Эй Саидӣ, бо насиҳат бозгардонаш зи ғафлат,
Рӯи мансаб омаду бисёр ноҳақ моҷаро кард.

## НИДОИ МОДАР

Писарам, ай писарам,
Туӣ нури басарам,
Туӣ ҷону ҷигарам.

Аз чӣ рафтӣ зи барам,
Ту нагирӣ хабарам,
Надаройӣ зи дарам!

Ту бикун ёд маро,
Аз ғам озод маро,
Ту бикун шод маро.

Ба раҳат пазмонам,
Дидаи гирёнам,
Васл кун ҳиҷронам.

Аз сафар зуд биё,
Шамъи моро ту зиё,
Дарди моро ту даво.

Зуд о, модари ту,
Ҷуфт созад сари ту,
Шод монад бари ту.

## АРМОНИ МОДАР

Писарҷонам, писарҷон,
Баробарӣ ту бар ҷон.
Аз ҳама чиз азизӣ
Аз барои модарҷон.

Чаро рафтӣ зи барам?
Намегирӣ хабарам,
Намеоӣ ба дарам,
Намегӯӣ модарам.

Дар дифои ин кишвар
Шудӣ, писарам, аскар.
Бикун ту аз таҳти дил
Хизмат ба Ватан-Модар.

Баъди хизмат мардона,
Биё, ҷонам, ба хона.
Хонаам пурнур шавад,
Дарду ғамам дур шавад.

Назар созам ба сӯят,
Бибӯсам сару рӯят.
Сила намуда мӯят
Гап сар кунам аз тӯят.

Ба ягон хушрӯи зор
Мекунамат хонадор.
Расӣ ба тахту ба бахт,
Худо туро бувад ёр.

Баъди тӯи арӯсӣ
Агар ту манро пурсӣ,
Гӯям акнун, писарҷон,
Надорам дар дил армон.

## ХАЗОНРЕЗ

Хазонрезу хазонрез,
Ин қадар меоӣ тез?
Исто, ки баҳор ояд,
Бо гулу гулзор ояд.

Хазонрезу хазонрез,
Барги дарахтон марез.
Олам ба чашми инсон
Хира шавад ноаён.

Хазонрезу хазонрез,
Ту дигар макун ситез.
Биё, ба мисли баҳор
Ба мо тӯҳфаҳо биёр.

Хазонрезу хазонрез,
Биё равем лаби рез.
Ту бинӣ хазонбаргон,
Худат шавӣ пушаймон.

Хазонрезу хазонрез,
Ҷавонӣ бигзарад тез.
Эй кош баҳор бошад,
Табассуми ёр бошад.

## ТОҚИИ КӮЛОБӢ

Тоқӣ рамзи қаҳрамониҳо бувад,
Тоқидорон мардуми доно бувад.
Он ки бар сар мегузорад тоқие,
Қадри тоқӣ, қадри ӯ боло бувад.

Тоқии гулдӯзии хушрангу бор,
Тоқии равшангули исторадор.
Ҳар гулашро ҳаст маънои зиёд,
Тоқии кӯлобӣ амсоли баҳор.

Тоқии кӯлобӣ – афтоби баланд,
Пӯпаку шерози ӯ дунёи панд.
Давлати сар тоқӣ аст, эй ҳамдиёр,
Тоқӣ одамро намояд арҷманд.

*Соли 1978*

# ҶАБРИ УСТОД
# БЕҲ ЗИ МЕҲРИ ПАДАР

*Ба муаллим ва мураббиям*
*А.Ш. Шарипов*

Эй муаллим, эй маро омӯзгор,
Додаӣ ҳикмат бароям бешумор.
Коҳиши бисёр бар ман кардаӣ,
Илм то бигрифта гардам бахтиёр.

Бо касе бо ҳарфи бад гӯям калом,
Бар падар-модар намедодам салом.
Ё ки пиронро «ту» мегуфтам агар,
Нисбати онҳо будам беэҳтиром.

Танбалӣ мекардам андар дарсҳо,
Ё ки мемондам қафо баъд аз Шумо.
Ё намекардам агар такрор дарс,
Чашми худ мекардам ар сӯят ало.

Гар ба ҳамсинфон ҳамегуфтам сухан,
Ё ки мерафтам ба «ҷанги тан ба тан»,
Ё намекардам суханҳои ту гӯш,
Ё ки дар синфат намебудам хамӯш.

Гар ба «ду»-хонон ҳамегаштам шинос,
Мекашидам ё ки носу попирос.
Ё ки дуздӣ карда мекардам мағал,
Картабозӣ карда мегаштам дағал.

Баҳри ин атвори ношоистаам
Мегирифтам доимо подоши хуб.
То шавам ислоҳу партоям бадӣ,
Мешудам дар синф доим хонарӯб.

Гар намегаштам ба ин хушфеъл ман,
Боз медодӣ азоби дигаре.
Ҳақ барорам хешро бо сад далел,
Кай ту бовар доштӣ бар қайсаре.

Ҳақ будаст он ҷумлаи рафтори ту,
Он чӣ мегуфтӣ ту дар ҳар ҷо ба ман.
Он чӣ мехоҳам бигӯям баҳри ту,
Эй муаллим, ман намеёбам сухан.

Ман, ки гаштам соҳиби илму ҳунар,
Аз насиҳатҳои ту, эй мӯътабар.
Шайх Саъдӣ гуфта буд, ёдаш ба хайр:
«Ҷабри устодат беҳ аз меҳри падар».

*Соли 1975*

## ДИЁРИ МАН

Диёри кӯҳсори ман,
Азизу ифтихори ман,
Мадору иқтидорам ман,
Диёри ман, диёри ман.

Туро, ки дӯст дорамат,
Чу модарам шумороmat,
Ҳазор ҷон супорамат,
Диёри ман, диёри ман.

Ба мулки ту баҳор шуд,
Арӯси гул қатор шуд,
Ниҳолҳо ба бор шуд,
Диёри ман, диёри ман.

Баҳор шуд, баҳори кор,
Баҳори қуввату мадор,
Баҳори сабзи эътибор,
Диёри ман, диёри ман.

Туӣ азизи ҷони ман,
Муҳаббатошёни ман,
Ҷаҳони ормони ман,
Диёри ман, диёри ман.

## ТАРС

*Ҳаҷвия барои ҳамкурсам*
*Холмӯъмин*

Холмӯъмин аст аз Бойсун,
Дар бадан надорад хун.
Паҳлавони хирсҷуса
Надорад ғаму ғусса.

Аз Бойсун баҳри хондан
Тоҷикистон омадаст.
То ки шавад ӯ олим
Аз Бойсунҷон омадаст.

Бо ҳайбате, ки дорад,
Чӣ кор оядаш хониш?
Дар қатори дигарҳо
Метарсад аз ӯ дониш.

## ТАНҲО БИМОНАМ

Эй ёри азизу меҳрубонам,
Номи ту ҳамеша дар забонам.

Он ҳусну малоҳате, ки дорӣ,
Тасвир варо наметавонам.

Аз хотири он ки наздам оӣ,
Ҳар рӯз суруди ишқ хонам.

Як рӯз агар туро набинам,
Ояд ба лаб аз гудоз ҷонам.

Доруи дили ба дард ҳастӣ,
Ҳастӣ ту табиби дарддонам.

Эй ёр, биё, тараҳҳуме кун,
Мебахш тавон ба нотавонам.

Ҳиҷрони маро агар кунӣ васл,
Як умри Худо ҷавон бимонам.

## ДУХТАРАКИ ПАНҶОБӢ

Духтараки панҷобӣ, ту як гули ноёбӣ
Бурдӣ маро, азизам, ба олами камхобӣ.

Ақлу ҳушам рабудӣ шеъру тарона хонда,
Махмуру маст кардӣ, бо рақси панҷобӣ.

Духтараки панҷобӣ, пироҳанат гулобӣ,
Ошиқи рӯят шудааст ин бачаи кӯлобӣ.

Духтараки панҷобӣ, мисли шаби маҳтобӣ
Биё ки як ҷо шавем дар кишвари афтобӣ.

Духтараки панҷобӣ, силсила ноз дорӣ,
Печу хамат ба ҷонам, аз мо макун сартобӣ.

Қаду қомат гул барин, лафзи ту булбул барин,
Рақсида наздам биё, то ки кунам дилёбӣ.

Эй товуси хиромон, дасту по дурру марҷон,
Ғамзаву нозат ба ҷон, тозаву софу нобӣ.

Равем «Гурудвара»[1], дуо гирем якбора,
Равем Тоҷикистон, хушбахтиро дарёбӣ.

*ш. Деҳлӣ,*
*23.05.2010*

---

[1] Гурудвара – ибодатгоҳи сикҳо.

## МЕҲМОН ШУДАМ

Эй парӣ, аз ишқи ту бисёр саргардон шудам,
Дар баҳорон пеши ту чун булбули хушхон шудам.

Лаҳзае хоҳам, ки бинам ҳусни зебои туро,
Аз қафоят ман ба мисли сояат сарсон шудам.

Гар бубинам ҳафтае як бор рӯи хуби ту,
Аз давиданҳои ту, эй нозанин, ҳайрон шудам.

Сурма бар абрӯ кашида, ҷабр бар мо кардаӣ,
Аз ғаму андӯҳи ту ман рӯзу шаб нолон шудам.

Аз чӣ бошад, ки наоӣ ҳеҷ дар паҳлӯи ман,
З-ин рамиданҳои ту ман оқибат қурбон шудам.

Ман надорам орзуе ҷуз ғами дидори ту,
Дилбарам, дидам ба хобам, пеши ту меҳмон шудам.

Оҳ, ҷононам, Саидиро қабули лутф кун,
З-он ки ман дар ишқи ту безор аз ин ҷон шудам.

## ҒАЗАЛ

Дар раҳи ту интизорам, ҷони ширинам, биё!
Ман ба дидори ту зорам, ҷони ширинам, биё!

Бар мани дилдода ҳастӣ аз ҳама наздиктар,
Тоқати дурӣ надорам, ҷони ширинам, биё!

Вақти гуфтор аз лабонат мечакад шаҳду шакар,
Лаззати гуфтугузорам, ҷони ширинам, биё!

Резад аз рухсори ҳамранги чароғат нури меҳр
Бе ту дар дунёи торам, ҷони ширинам биё!

Бе ту айёми хазони ҳастии ман мерасад,
Эй баҳори рӯзгорам, ҷони ширинам, биё!

## ИШҚИ НАБИҶОН

*Ба рафиқам Абдунабӣ*

Эй Набии Дарвозӣ,
Аҷаб бачаи созӣ.
Кардӣ фақат ба Зайнаб,
Эй ҷӯра, ишқбозӣ.

Ошиқ шудӣ ба Зайнаб
Дар вақти пахтачинӣ.
Ғайри Зайнаб дигар ту
Касеро намебинӣ.

Зайнаб духтари базеб,
Рухсораҳош мисли себ.
Фақат дар ишқи Зайнаб
Месӯхтӣ ту рӯзу шаб.

*Ноябри 1977*

## ДАР ҶАВОНӢ

Дар ҳини навҷавонӣ
Бе фикри зиндагонӣ,

Ғофил зи ҷонгудозӣ
Кардӣ ту ишқбозӣ.

Ошиқ шудӣ ба Зайнаб,
Ба Зайнаби боадаб.

Охир дилашро бурдӣ,
Вале ғамаш нахӯрдӣ.

Дигар ӯро надидӣ,
Атрмӯро надидӣ.

Кардӣ ӯро ноумед,
Кардӣ сарашро сафед.

## ДИЛСАНГ

*Ба раққосаи машҳури панҷакентӣ,*
*донишҷӯӣ курси IV-и Донишгоҳи Давлати*
*Санъати Тоҷикистон Майсара Давлатова*

Раққосаи ҷононӣ,
Қадатро меларзонӣ.
Донишҷӯбачаҳоро
Якояк месӯзонӣ.

Ними ин донишҷӯён
Дар гирди ту парвона.
Ними дигараш бошад
Аз ишқи ту девона.

Донишҷӯён дониш не,
Васли туро меҷӯянд.
Барои муаллиме не,
Барои ту мегӯянд.

Вале ту аз ин миён
Якеро написандӣ.
Барои мо номаълум,
Ба кӣ ту дил мебандӣ?

Аз дасти ҷилваҳоят
Аҳволи ман ба танг аст.
Ман ҳастам аз Сангтӯда,
Аммо дили ту санг аст.

*Соли 1977*

## БАХТӢ

Баҳорат бехазон бошад, Илоҳӣ.
Агар ту дидани моро бихоҳӣ.
Хати ҳуснат хати девони шоҳӣ
Табассумошно бошӣ ҳамеша,
Илоҳӣ, ёри мо бошӣ ҳамеша.

*Соли 1978*

## РУБОӢ

Як ёр дорам экономист мехона,
Аз ҳусну ҷамоли ӯ шудам девона.
Ман шарқшиносу майли ӯ бар Ғарб аст,
Ишқи ману ӯ миёни халқ афсона.

*Соли 1978*

## ДУБАЙТИҲО

Шудам ошиқ ба моҳи рӯят, эй гул,
Ба шабгун зулфи мушкинбӯят, эй гул.
Дареғо, дур ҳастам аз барат ман,
Сияҳ шуд рӯзи ман чун мӯят, эй гул.

Ало ёрам, баҳори бехазонӣ,
Ту бо ман ҳастию доим ҷавонӣ.
Ҳамон рӯзе, ки аз ман дур гардӣ,
Равад аз ту ҷавонӣ, худ надонӣ.

Аҷаб дилбар қади дилҷӯят, эй маҳ,
Муаттар шоми ман бар бӯят, эй маҳ.
Агарчи кардаам ёри дигар ман,
Будам умре ба ёди рӯят, эй маҳ.

Манам ошиқ ба духтарҳои бисёр,
Ба духтарҳои масти кабкрафтор.
Агар хоҳӣ, ки бахти сабз ёбӣ,
Биҷӯй аз деҳаҳои сабзи кӯҳсор.

Шудам бар лолаи рӯи ту ошиқ,
Ба миҷгону ба абрӯи ту ошиқ.
Бувад тори муҳаббат тори мӯят,
Манам бар мӯи хушрӯи ту ошиқ.

*Соли 1979*

## СУХАНРЕЗА

Дилам афтод бар домат,
Ало духтар, бигӯ номат.

* * *

Духтаре дидам имрӯз,
Аҷаб зебо, дилафрӯз.

* * *

Тахаллусам Саидӣ,
Мумкин боре шунидӣ.
Агар онро нашнидӣ,
Акнун худамро дидӣ.

* * *

Ман шоири ҷавонам,
Баҳри ту шеър хонам.

* * *

Шоири навсуханам, навқаламам,
Ту рамидаю фузун шуд аламам.

* * *

Рав расон, эй қалам, ба халқи ҷаҳон,
Фатҳи парвози нав сӯи кайҳон.

## ШОИРИ НАВЭҶОД

Ман шоири навэҷод, бо шеър гоҳ-гоҳе
Ифшои роз гӯям, ин аст аҷиб роҳе.

Ёри шириншамоил созам ба шеър қоил,
Шояд, ки бори дигар бар ман кунад нигоҳе.

Ман рӯи маҳҷабинам ҳар гаҳ агар бубинам,
Он лаҳза мешуморам худро ба мисли шоҳе.

Гар хандае намояд он ёри нозанинам,
Бахтам сафед гардад з-он гесӯи сиёҳе.

Чашмони сип-сиёҳаш девона кард моро,
Ҳар гаҳ бубинам онро, аз дил барорам оҳе,

Гӯяд, ки маст ҳастӣ, овораам чӣ созӣ?
Тасдиқ агар насозӣ, овар ба ман гувоҳе.

Ёрат, Саидӣ, аз чӣ бовар ба ту надорад,
Оё ту пеши он гул дорӣ ягон гуноҳе?

*Соли 1978*

## ДАРЕҒ

Як дӯст маро чу ҷону дил буд азиз,
Яъне, ки чу инсони асил буд азиз.

Ин дӯсти ман чу бо арақ ёр бишуд,
Ҷӯрагии мову ӯ халалдор бишуд.

Дӯсте, ки ба ҷону дил баробар донӣ,
Аз ёру бародарат қаринтар хонӣ.

Гар ёри арақ шавад, арақбанда шавад,
Аз хонаву дар ҷудову шарманда шавад.

Ӯ ки ба арақ ҳамеша дилбаста шудаст,
Дарҳои муҳаббатам ба ӯ баста шудаст.

Эй кош, ба ӯ роҳи Худо бинамоянд,
Дарҳои муҳаббати маро бикшоянд.

## ИШҚИ ГАЗЕТӢ

Газете ман ба ту накшуда додам,
Напиндорӣ, ки ман беҳуда додам.

Дар он ҷо рози қалби ман ниҳон аст,
Дар он ҷо орзуҳо як ҷаҳон аст.

Газете, ки гирифтӣ ту, Сафаргул,
Намегӯяд ба ту аз молу аз пул.

Бувад бар ту нахустин номаи ман,
Ба унвони гуле аз номи булбул.

Газете, ки гирифтӣ, бас гарон аст,
Нахустин шеъри ишқиям дар он аст,

Чу ишқи мову ту сар шуд газетӣ,
Агар хонӣ, надорам ғам ба гетӣ.

## НОМА

*ба рафиқам Муҳаммадҷон*

Хизмат кун, эй ҷӯраҷон,
Аз самими дилу ҷон,
Ватанро шав посбон,
Монад Ватан дар амон.

Хизмат кун баҳри Ватан
Ба ҷону дил ту ҳатман.
То ки ба ин сарзамин
Ҳаргиз наояд душман.

Ту ки ҳастӣ қумандон,
Ҳиммат бикун ту чандон.
То ки аскарҳои ту
Зирак шаванду чаққон.

Дар ҳифзи марзи кишвар
Бошед ҳама диловар.
Ватан дар амон бошад,
Олам гулистон бошад.

*Соли 1978*

## САМАНДИ БОБО

Аспи бобом саманд аст,
Зебову дилписанд аст.

Дар пойга аз ҳама пеш,
Бисёр аспи даванд аст.

Бобоям дар рӯи зин
Аз ҳама кас баланд аст.

Дар ҳавлӣ ҷои аспаш
Дар яккамех банд аст.

Худам диҳам коҳу дон,
Бобоям дар Тайланд аст.



## ШАБНАМ

Шабнамаки зебояк,
Хӯрдакаки донояк.

Равад сӯи дарвоза,
Оҳиста беовоза.

Аз вақт огоҳ мешавад
Донад бегоҳ мешавад.

Донад бобо меояд,
Бо халтаҳо меояд.

Аз дӯкону аз бозор
Себ оварад ё анор.

Ба ман лухтак оварад,
Бозичаҳо мехарад.

Ҳоло ояд бобоям,
Пешвозаш мебароям.

*Душанбе*
*2005*

# ФЕҲРИСТ

Ватандор .................................................. 5
Тоҷикистон .............................................. 6
Вахши зарбахш ........................................ 7
Аз Тоҷикистон омадем .............................. 8
Тоҷмаҳал.................................................. 9
Кашмир ...................................................10
Оромгоҳи Бедил.......................................11
Мумбай ...................................................11
Равшан андеша дорем..............................12
Духтараки Тайландӣ...............................14
«Ҳолӣ» муборак!......................................15
Озаридухтар.............................................16
Илоҳо ёбад зафар.....................................17
Як даста гул ............................................19
Орзу .........................................................20
Устод........................................................21
Баракатуллоҳ ..........................................22
Гумроҳ .....................................................23
Нидои Модар ...........................................24
Армони Модар .........................................25
Хазонрез...................................................27
Тоқии Кӯлобӣ .........................................28
Ҷабри устод беҳ зи меҳри падар..............29
Диёри ман ...............................................31
Тарс..........................................................32
Танҳо бимонам........................................33
Духтараки панҷобӣ .................................34
Меҳмон шудам.........................................35
Ғазал .......................................................36
Ишқи Набиҷон .......................................37
Дар ҷавонӣ ..............................................38

Дилсанг ........................................................................39
Бахтӣ ............................................................................40
Рубоӣ.............................................................................40
Дубайтиҳо ....................................................................41
Суханреза......................................................................42
Шоири навэҷод ............................................................43
Дареғ ..............................................................................44
Ишқи газетӣ ................................................................45
Нома...............................................................................46
Саманди Бобо ..............................................................47
Шабнам .........................................................................48

**Саидбег Саидӣ**

**НАКҲАТИ КАШМИР**
***(Маҷмӯаи шеърҳо)***

Муҳаррири ороиш *О. Раҳмонӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М. Саидова*

Ба матбаа 06.08.2010 супорида шуд.
Чопаш 11.08.2010 ба имзо расид.
Ҷузъи чопӣ 6,25. Андозаи 60х84 1/16.
Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати Фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев 17а